«Тасдиқ мекунам»
Ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Хушвахтзода Қ.Х.______________
«___» ______________с. 2022

# ХУЛОСАИ
## маҷлиси муштараки кафедраҳои факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Оид ба мубрамият ва аҳамиятнокии мавзуи таткиқоти диссертатсионии Муминзода Орифҷони Сафо дар мавзуи «Проблемаҳои танзими суғуртаи ҳатмии ҷавобгарии ҳуқуқи граждании соҳибони воситаи нақлиёти автомобилӣ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз рӯйи ихтисоси 12.00.03. – Ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ пешниҳод шудааст.

Мавзуи таҳқиқоти диссертатсионии Муминзода Орифҷони Сафо «Проблемаҳои танзими суғуртаи ҳатмии ҷавобгарии ҳуқуқи граждании соҳибони воситаи нақлиёти автомобилӣ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон» дар кафедраи ҳуқуқи граждании факултети ҳуқуқшиносӣ муҳокима гардида, дар асоси суратмаҷлиси № 8 аз 31-уми марти соли 2022 ба ҳимоя тавсия дода шудааст.

Муминзода Орифҷони Сафо соли 2014 Донишгоҳи миллии Тоҷикистонро бо дипломи аъло аз рӯйи ихтисоси ҳуқуқшиносӣ хатм намуда, аз соли 2015 то ҳол ба сифати ассистенти кафедраи ҳуқуқи нақлиёт ва ҳуқуқи истифодаи сарватҳои табиии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон фаъолият дорад.

Муминзода Орифҷони Сафо дар давраи омода намудани диссертатсия ҳамчун аспиранти шуъбаи ғоибонаи кафедраи ҳуқуқи граждании факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва

ҳамзамон ассистенти кафедраи ҳуқуқи нақлиёт ва ҳуқуқи истифодаи сарватҳои табиии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба ҳисоб мерафт.

Маълумотнома дар бораи супоридани имтиҳонҳои номзадӣ аз фанҳои «Таърих ва фалсафаи илм», «Забони хориҷӣ» ва ихтисос (12. 00. 03 – Ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ) аз ҷониби Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дода шудааст (таҳти №03/1166-03-05, аз 05 – уми майи соли 2021.).

Довталаби дараҷаи илмӣ ба талаботи манзурнамудаи банди 17-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ гардидааст, мутобиқ мебошад.

Роҳбари илмӣ – Қурбонов Қурбон Бобоевич номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, мудири кафедраи ҳуқуқи нақлиёт ва ҳуқуқи истифодаи сарватҳои табиии факултаи ҳуқуқшиносии ДМТ.

**Мубрам будани мавзуи таҳқиқот.** Суғурта чун падидаи ҳаёти ҷамъиятӣ аз даврони қадим ба инсон маълум мебошад. Суғурта яке василаи ҷуброни зарар, озод шудан аз ҷавобгарӣ, гаронии бартараф кардани оқибатҳои номусоид ва ҳимояи дигар манфиатҳои қонунӣ ба ҳисоб меравад. Имрӯз дар тамоми кишварҳои мутараққӣ суғурта яке аз фаъолиятҳои даромадноктарин буда, вазъи мураккаби молиявии ҷомеаро дар бобати ғун кардан ва тақсими тавозуни неъматҳои моддӣ ба эътидол меорад

Дар қонунгузории аксарияти давлатҳо суғуртаи ҳатмии ҷавобгарии ҳуқуқи граждании соҳибони воситаи нақлиёти автомобилӣ ба таври ҳатмӣ пешбинӣ гардидааст, ки ин аз хавфи баланд доштани ҳодисаҳои роҳу нақлиёт, манбаи хатари калон будани нақлиёти автомобилӣ, эҳтимолияти зиёди зарар расонидан ба ҳаёт, саломатӣ, молу мулк ҳангоми истифодаи воситаи нақлиёт ва асосҳои дигар шаҳодат медиҳад, ки ин намуди суғурта умумиҳатмӣ бошад. Бинобар ҳамин, таҳқиқи илмии

масъалаи мазкур аз лиҳози назариявӣ ва амалӣ барои рушди низоми ҳуқуқӣ ва иқтисодии кишвар нақши муҳим дорад.

Суғуртаи ҳатмии ҷавобгарии ҳуқуқи граждании соҳибони воситаи нақлиёти автомобилӣ яке аз намудҳои паҳншудаи суғурта дар соҳаи нақлиёт ба ҳисоб рафта, бо мақсади ҳимоя намудани манфиатҳои молумулкии шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ дар ҳолати пайдо шудани оқибатҳои номусоид, барои ҷамъият аҳамияти зиёд дорад. Суғуртаи ҳатмии ҷавобгарии ҳуқуқи граждании соҳибони воситаи нақлиёти автомобилӣ таърихи қадима дошта, яке аз шаклҳои аввалини пайдоиши суғурта мебошад, чунки аввалин маротиба суғурта дар соҳаи нақлиёт (нақлиёти баҳрӣ) пайдо шудааст. Намуди суғуртаи мазкур таърихи тӯлонии рушду инкишофро паси сар намуда, имрӯз аксарияти мамлакатҳои хориҷӣ, аз ҷумла, ҶТ онро қонунан мустаҳкам намудаанд ва онро василаи беҳтарин ҳимояи манфиатҳои молумулкӣ ва ғайримолумулкӣ пазируфтаанд.

Дар Тоҷикистон ин намуди суғурта таърихи зиёд надошта, дар раванди рушд қарор дорад. Дар раванди мазкур татбиқнамоии қонунгузориро дар ин самт мавриди таҳлил қарор дода, механизми ҳимоя намудани ҳуқуқу манфиатҳои қонунии ҷабрдидаро, ки дар садамаи нақлиётӣ зарар дидааст, бояд такмил дод.

Қонунгузории ҶТ оид ба суғуртаи ҳатмии ҷавобгарии ҳуқуқи граждании соҳибони воситаи нақлиёти автомобилӣ дар даврони соҳибистиқлолии кишвар ташаккул ёфта, дар марҳилаи рушд қарор дорад. Дар марҳилаҳои аввали ба даст овардани Истиқлолияти давлатӣ суғуртаи ҳатмии ҷавобгарии ҳуқуқи граждании соҳибони воситаи нақлиёти автомобилӣ дар асоси қонунгузории умумии суғуртавӣ танзим карда мешуд. Минбаъд Қарори Ҳукумати ҶТ “Дар бораи суғуртаи давлатии ҳатмии масъулияти шаҳрвандии соҳибони воситаи нақлиёт” аз 10 июни соли 1996, №264 қабул гардид, ки дар қонунгузории миллӣ аввалин санади меъёрие буд, ки ин намуди суғуртаро бо дарназардошти хусусиятҳои хоси он танзим намудааст. Марҳилаи нави рушди

қонунгузорӣ дар бораи ин намуди суғурта баъди қабули Қонуни ҶТ «Дар бораи суғуртаи ҳатмии ҷавобгарии гражданию ҳуқуқии соҳибони воситаи нақлиёт» аз 7 августи соли 2020, №1719 ба вуҷуд омад. Қонуни мазкур асосҳои ҳуқуқӣ, иқтисодӣ ва ташкилии суғуртаи ҳатмии ҷавобгарии гражданию ҳуқуқии соҳибони воситаҳои нақлиётро муайян намуда, ба таъмини ҳимояи ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии суғурташавандагон ҳангоми расонидани зарар дар натиҷаи ҳодисаи роҳу нақлиёт равона шудааст.

Ҳарчанд баъзе таҳқиқотҳо дар шакли мақола, маъруза ва дигар навъи пажуҳишҳо рӯйи кор омада бошанд ҳам, аммо дар онҳо масъалаи суғурта дар умум баррасӣ шудааст, на суғуртаи ҳатмии ҷавобгарии граждании соҳибони воситаи нақлиёти автомобилӣ. Аз ин рӯ, аз нигоҳи илмӣ-назариявӣ таҳқиқоти диссертатсионии мазкур мубрам ба ҳисоб меравад.

**Навгонии илмии таҳқиқоти** диссертатсионӣ дар он зоҳир мегардад, ки диссертатсияи мазкур нахустин пажӯҳиши мукаммали илмӣ оид ба проблемаҳои танзими ҳуқуқи граждании суғуртаи ҳатмии ҷавобгарии ҳуқуқи граждании соҳибони воситаи нақлиёти автомобилӣ дар ҶТ ба ҳисоб меравад. Дар диссертатсия тамоми паҳлуҳои танзими ҳуқуқи граждании суғуртаи ҳатмии ҷавобгарии ҳуқуқи граждании соҳибони воситаи нақлиёти автомобилӣ таҳқиқ шудааст.

**Диссертант мақсади таҳқиқоти рисолаи илмиро** таҳлили проблемаҳои назариявӣ, амалӣ ва муқарраротӣ қонунгузорӣ, ки суғуртаи ҳатмии ҷавобгарии ҳуқуқи граждании соҳибони воситаи нақлиёти автомобилиро ба танзим медароранд, ба ҳисоб рафта, дарёфти роҳҳои ҳал ва пешниҳоди тавсияву таклифҳоро оид ба мукаммал гардонидани қонунгузорӣ фаро мегирад. Барои расидан ба мақсадҳои иброзгардида, муаллиф дар таҳқиқоти илмӣ **вазифаҳои** зеринро муайян кардааст:

– муайян намудани заминаҳои таърихии рушди танзими ҳуқуқии суғуртаи ҳатмии ҷавобгарии ҳуқуқи граждании соҳибони воситаи

нақлиёти автомобилӣ дар марҳилаҳои гуногун ва таҳлили манбаъҳои танзимкунандаи масъалаи мазкур;

– коркарди мафҳум ва хусусиятҳои суғуртаи ҳатмии ҷавобгарии ҳуқуқи граждании соҳибони воситаи нақлиёти автомобилӣ;

– таҳқиқи ҷанбаҳои ҳуқуқи граждании шартномаи суғуртаи ҳатмии ҷавобгарии ҳуқуқи граждании соҳибони воситаи нақлиёти автомобилӣ ва табиати ҳуқуқии он;

– таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқии қонунгузории мамлакатҳои хориҷӣ дар бораи суғуртаи ҳатмии ҷавобгарии ҳуқуқи граждании соҳибони воситаи нақлиёти автомобилӣ;

– мушаххас гардонидани ҳуқуқу ухдадории тарафҳои шартномаи суғуртаи ҳатмии ҷавобгарии ҳуқуқи граждании соҳибони воситаи нақлиёти автомобилӣ ва баррасии вазъи ҳуқуқии онҳо;

– баррасии масъалаҳои ҳуқуқии маблағ ва пардохти суғуртавӣ, мукофоти суғуртавӣ, муҳлат ва дигар хусусиятҳои хоси шартномаи суғуртаи ҳатмии ҷавобгарии ҳуқуқи граждании соҳибони воситаи нақлиёти автомобилӣ;

– таҳлили асосҳои қатъ гардидани шартномаи суғуртаи ҳатмии ҷавобгарии ҳуқуқи граждании соҳибони воситаи нақлиёти автомобилӣ мувофиқи қонунгузорӣ ва пешниҳоди тавсияҳои мушаххас оид ба танзими ҳуқуқии он;

– таҳияи пешниҳоду тавсияҳо бобати такмил додани қонунгузорӣ ва амалияи ҳуқуқтатбиққунӣ дар соҳаи мазкур.

**Хулосаҳо ва нуктаҳои илмии** дар диссертатсия матраҳгардида бо истифода аз ақидаҳо ва мафҳумҳои пазируфташудаи илмӣ, санадҳои меъёрии ҳуқуқии миллӣ ва байналмилалӣ, инчунин таҷрибаи давлатҳои алоҳида дар самти татбиқи суғуртаи ҳатмии ҷавобгарии ҳуқуқи граждании соҳибони воситаи нақлиёти автомобилӣ, исбот карда шудаанд. Натиҷаҳои илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ аз сатҳи навгонии таҳқиқоти диссертатсионӣ дарак медиҳанд. Таҳқиқоти диссертатсионӣ

кори илмии анҷомёфта буда, дар он вазифаҳои гузошташуда пурра ҳалли худро ёфтаанд.

Доир ба мавзуи диссертатсия ва моҳияти он аспирант 10 мақолаҳои илмӣ, аз ҷумла 6 адади онҳо дар маҷаллаҳои тақризшавандаи тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мақола дар нашрияҳои дигар ба табъ расонидааст. Интишороти муаллиф мазмун ва моҳияти мавзуи таҳқиқоти диссертатсиониро инъикос намуда, таҳлили онҳо дар қисми хулоса ва тавсияҳои диссертатсия ҷой дода шудаанд.

Натиҷаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар конференсияҳои зерин дар шакли маърӯза пешниҳод шудаанд:

1) конференсияҳои илмӣ-назариявӣ ва илмӣ-амалии байналмилалӣ:

– «Рушди қонунгузории соҳибкорӣ, тиҷоратӣ ва сайёҳӣ дар даврони Истиқлолияти давлатии ҶТ» – маъруза дар мавзуи «Рушди қонунгузории суғуртаи масъулияти граждании соҳибони воситаи наклиёт дар ҶТ» (Душанбе, 30 октябри соли 2018);

– «Конститутсияи ҶТ ва низоми ҳуқуқи миллӣ: заминаҳои рушд ва дурнамои илми ҳуқуқшиносӣ» бахшида ба «25-солагии қабули Конститутсияи ҶТ» ва 70-солагии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон – маъруза дар мавзуи «Рушди қонунгузории суғуртаи масъулияти граждании соҳибони воситаи наклиёт дар давраи то Иттиҳоди Шуравӣ» (Душанбе, 30 октябри соли 2019);

– «Илм, маориф ва иноватсия: масъалаҳои мубрам ва ҷанбаҳои муосир – маъруза дар мавзуи «Ҷавобгарии тарафҳо тибқи шартномаи суғуртаи ҳатмии ҷавобгарии ҳуқуқи граждании соҳибони воситаи наклиёти автомобилӣ» (Таллин, 16-18 декабри соли 2020).

2) конференсияҳои илмӣ-назариявӣ ва илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ:

– «Ҳуқуқи наклиёти ҶТ: ҳолати кунунӣ, мушкилот ва тамоюли инкишоф» – маъруза дар мавзуи «Баъзе масълаҳои танзими ҳуқуқии суғуртаи масъулияти ҳуқуқи граждании соҳибони воситаи наклиёт» (Душанбе, 17 октябри соли 2017);

– «Конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-назариявии ҳайати устодону кормандони ДМТ бахшида ба «Соли рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ (с. 2019-2021)» ва «400-солагии Миробид Сайидои Насафӣ» – маърӯза дар мавзуи «Мафҳум ва хусусиятҳои суғуртаи масъулияти граждании соҳибони воситаи нақлиёти автомобилӣ тибқи қонунгузории ҶТ» (Душанбе, 22 апрели соли 2019);

– «Конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-назариявии ҳайати устодону кормандони ДМТ бахшида ба ҷашнҳои 30-солагии Истиқлоли давлатии ҶТ, 110-солагии Шоири халқии Тоҷикистон, Қаҳрамони Тоҷикистон Мирзо Турсунзода, 110-солагии Нависандаи халқии Тоҷикистон Сотим Улуғзода ва «Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ-дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф (соли 2020-2040)» – маъруза дар мавзуи «Табиати ҳуқуқии шартномаи суғуртаи ҳатмии ҷавобгари ҳуқуқи граждании соҳибони воситаи нақлиёти автомобилӣ» (Душанбе, 22 апрели соли 2021).

Маврид ба тазаккур аст, ки нуктаҳои илмӣ ва пешниҳодҳои амалие, ки аз ҷониби аспирант дар рисола манзур карда шудаанд, метавонанд дар таҳияву таҷдиди қонунгузории соҳаи ҳуқуқи гражданӣ, омодасозии стратегия, барнома ва консепсияҳои давлатӣ, рушди василаҳои (механизмҳои) ҳимояи ҳуқуқу манфиятҳои субъектҳои ҳуқуқи гражданӣ саҳмгузор бошанд. Инчунин, натиҷаҳои рисоларо метавон дар таълими фанҳои «Ҳуқуқи гражданӣ», «Ҳуқуқи нақлиёт», «Ҳуқуқи суғурта» ва ғ., ҳангоми навиштани корҳои курсӣ, рисолаҳои хатм, рисолаҳои магистрӣ ва рефератҳо истифода бурд.

**Саҳми шахсии муаллифи рисолаи илмӣ** бо сатҳи навгонии илмии диссертатсионӣ, нуктаҳои илмӣ, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд, мақолаҳои илмӣ, маърузаҳо дар семинарҳои назариявӣ ва конференсияҳои илмӣ-амалӣ тасдиқ карда мешавад. Ҳамзамон, тарзи навишт, масъалагузорӣ ва услуби диссертатсия саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медиҳад.

**Мавзуъ ва мазмуни таҳқиқот ба шиносномаи ихтисоси** 12.00.03. – Ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ, ки бо қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 сентябри соли 2021 № 7 тасдиқ шудааст, мутобиқат мекунад.

Таҳқиқоти диссертатсионии Муминзода Орифҷони Сафо дар мавзуи «Проблемаҳои танзими суғуртаи ҳатмии ҷавобгарии ҳуқуқи граждании соҳибони воситаи наклиёти автомобилӣ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.03 – Ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ, ба талаботи бандҳои 31, 33-35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ гардидааст, ҷавобгӯ буда, аз тарафи муаллиф мустақилона таълиф гардида, дорои ягонагии дохилӣ, натиҷа ва нуктаҳои нави илмӣ мебошад ва саҳми шахсии муаллифро дар соҳаи илм нишон медиҳад.

**Қарор карда шуд:**

1. Диссертатсияи Муминзода Орифҷони Сафо дар мавзуи «Проблемаҳои танзими суғуртаи ҳатмии ҷавобгарии ҳуқуқи граждании соҳибони воситаи наклиёти автомобилӣ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон» таҳқиқоти илмӣ-соҳавӣ ба ҳисоб рафта, ба талаботи пешбинигардидаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯй мебошад.

2. Диссертатсияи Муминзода Орифҷони Сафо дар мавзуи «Проблемаҳои танзими суғуртаи ҳатмии ҷавобгарии ҳуқуқи граждании соҳибони воситаи наклиёти автомобилӣ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз рӯйи ихтисоси 12.00.03. – Ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ ба Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-018 тавсия карда шавад.

Хулоса дар маҷлиси муштараки кафедраҳои ҳуқуқи гражданӣ, ҳуқуқи наклиёт ва ҳуқуқи истифодаи сарватҳои табиӣ, ҳуқуқи байналхалқӣ, ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷоратии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон қабул карда шуд. Дар маҷлис иштирок доштанд: 17 нафар. Натиҷаи овоздиҳӣ: «тарафдор» – 17 нафар, «зид» - 0 нафар, «бетараф» – 0 нафар. Суратмаҷлиси ҷаласаи муштараки кафедраҳои ҳуқуқи гражданӣ, ҳуқуқи наклиёт ва ҳуқуқи истифодаи сарватҳои табиӣ, ҳуқуқи байналхалқӣ, ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷоратии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (таъйиноти декани факултети ҳуқуқшиносии ДМТ аз 19-уми апрели соли 2022, таҳти №3) аз 29-уми апрели соли 2022.

**Раиси маҷлиси муштарак:**
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Раҳмон Д.С.

**Котиби маҷлиси муштарак:**
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент Куканов А.З.

**Муқарризи №1:**
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ ,
профессори кафедраи ҳуқуқи тиҷоратӣ
ва зидди корупсионии
Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон Меликов У. А.

**Муқарризи №2:**
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, Мирзоев А.М.
дотсенти кафедраи ҳуқуқи
байналхалқии факултети ҳуқуқшиносии ДМТ

Имзоҳоро тасдиқ мекунам:
Сардори РК ва КМ ДМТ Тавқиев Э.Ш.
«02» 05 соли 2022